HUMAN RIGHTS CENTRE ЦЕНТР ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА

UNDP Gender Justice Platform

Gender justice | United Nations Development Programme

# ЛОИҲАИ «ДАСТГИРИИ ЗАНОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚШИНОСӢ»

## Шакли дархост

## Барномаи Феллоушип барои занони ҷавони ҳуқуқшинос дар Тоҷикистон

Дархост барои иштирок дар **Барномаи Феллоушип** барои занони ҷавони ҳуқуқшинос дар назди Ташкилоти Ҷамъиятии (ТҶ) «Центр по правам человека»

Феллоушип барномаест, ки иштирокчиёни он феллоуз (fellows) номида мешаванд ва имкон медиҳад, ки аз дониш ва таҷрибаи ҳуқуқшиносони варзида дар касби худ таҷриба гирифта, ба ин васила рушди касбии худро идома диҳанд. Баръакси барномаҳои коромӯзӣ, интизор аст, ки феллоуз дар асоси таҷрибаи амалии касбии худ ба тағйироти ҷомеа саҳм гузоранд.

Ташкилоти ҷамъиятии «Центр по правам человека» бо дастгирии лоиҳаи БРСММ дар Тоҷикистон «Дастгирии занон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ», ки аз ҷониби Барномаи Глобалии БРСММ «Платформаи адолати гендерӣ» маблағгузорӣ мешавад, ҷалби довталабонро ба барномаи 6-моҳаи феллоушип эълон менамояд. Барнома махсус барои занони ҷавони ҳуқуқшинос таҳия шудааст, ки факултаҳои ҳуқуқшиносиро хатм намудаанд, ҳадди ақал 1 соли таҷрибаи касбӣ доранд ва синнашон 24 - 34 сола бошанд. Довталабоне, ки аз марҳилаи интихоб гузаранд, ҳар моҳ стипендия хоҳанд гирифт.

**Барномаи Феллоушип** аввалин ташаббуси сохторёфта дар Тоҷикистон мебошад, ки ҳадафаш баланд бардоштани малакаҳои ҳуқуқӣ ва эътимод ба худро дар насли занони ҷавони ҳуқуқшинос мебошад, ки дар оянда мутахассисони фаъол дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар бахшҳои давлатӣ, хусусӣ, ғайритиҷоратӣ ва илмӣ амалӣ мешаванд. Занони ҳуқуқшинос, ки дар ин барнома иштирок мекунанд (минбаъд – феллоуз) дар давоми 6 моҳ, таҳти роҳбарии ҳуқуқшинос ва адвокатҳои ботаҷриба дар ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии саросари кишвар ҳамкорӣ намуда, роҳнамоии пайваста ва омӯзиш оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии босифат ба занҳо, инчунин расонидани дастгирии умумӣ дар чараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолиятӣ ҳуқуқӣ аз тарафи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ( минбаъд – ТҶШ) таҷрибаи амалӣ мегиранд. Илова бар ин, феллоуз дар таҳияи тадқиқотҳо бар асоси таҷрибаи касбии гирифташуда ҷалб мешаванд ва бо ин дар коркарди тавсияҳо, ки дар асоси далелҳо таҳия мешаванд, мусоидат менамояд.

**Бояд қайд намуд, ки иштирок дар Барномаи феллоушип уҳдадорӣ ва риояи шартҳои зеринро аз ҷониби иштирокчиён талаб мекунад:**

1) имзо намудани шартнома бо ӯҳдадории риояи меъёрҳои рафтори касбӣ;
2) гузаштани **Барномаи феллоушип** дар ҳайати яке аз ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ТҶШ) таҳти роҳбарии ҳуқуқшинос ва адвокатҳои ботаҷриба дар саросари кишвар ва

гузаштани роҳнамоии пайваста ва омӯзиш оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии босифат ба занҳо, инчунин расонидани дастгирии умум дар чараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолиятӣ ҳуқуқӣ аз тарафи ТҶШ;

3) иштирок дар омӯзиши ду тренинги серӯза дар шаҳри Душанбе;
4) бахшидани на камтар аз 20 соат дар як ҳафта барои иштирок дар Барномаи феллоушип дар тӯли 6 моҳ, ки дар худ расонидани ёрии ҳуқуқӣ; пур кардани махзани маълумот (база данных) оид ба расонидани ёрии хуқуқӣ; таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дархостҳо, шикоятҳо, аризаҳо дар раванди ёрии ҳуқуқӣ; инчунин иштирок дар мизҳои мудаввар оид ба пешниҳоди масъалаҳо ва муҳокимаи тавсияҳо, ки дар асоси таҷрибаи амалияи касбӣ гирифта шудаанд, иборат мебошад;
5) ҳамкорӣ ва табодули таҷриба бо дигар феллоузҳо, омӯзиши амалияҳои беҳтарин ва дарсҳои омӯхташуда;
6) мунтазам омода намудани ҳисоботҳо дар бораи фаъолият ва пешрафти худ ва пур кардани махзани маълумот (база данных) оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ.

Мӯҳлати ниҳоии қабули дархостҳо (ба забони русӣ ё тоҷикӣ — вобаста ба интихоби довталаб): то 08 феврали соли 2026, соати 23:59 (онлайн ё тавассути почтаи электронӣ).

* Саволи ҳатмӣ

Почтаи электронӣ*

Ном, насаб ва номи падар *

Санаи таваллуд*

Ҷои истиқомат*

Телефони мобилӣ*

Кадом донишгоҳро хатм кардаед? *

Соли дохилшавӣ ва хатм*

**Таҷрибаи корӣ.** Дар айни замон кор мекунед? Агар ҳа, пас дар куҷо? Лутфан таҷрибаи қаблии кории худро нишон диҳед (рӯйхати ҷойҳои кории қаблӣ бо санаҳо, ном ва маълумоти тамоси роҳбарон, рӯйхати вазифаҳо ва дастовардҳо дар ҳар вазифа, инчунин сабаби тарк кардан) *.

Оё шумо дорои мақоми адвокат ҳастед ё имтиҳони гирифтани мақоми адвокатро супоридаед? *

Оё қаблан ба таҳқиқоти таҷрибаи судӣ, фаъолияти ҳуқуқӣ ё соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ машғул будед? Мавзӯи таҳқиқот чӣ буд? Агар ҳа, рӯйхати чунин таҳқиқотро бо санаҳо нишон диҳед. *

Оё шумо таҷрибаи расонидани ёрии ҳуқуқиро доред? Агар ҳа, дар кадом ташкилот, вобаста ба кадом масъалаҳо, дар кадом минтақа ва тахминан ба чанд нафар муштарӣ ёрии ҳуқуқӣ расонидед? Оё нашрияҳо ва мақолаҳое ҳастанд, ки дар асоси ин таҷриба таҳия шуда бошанд? *

Оё қаблан дар барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ё роҳнамоӣ иштирок доштед? (Агар ҳа, пас лутфан ҷой ва давомнокии иштирокро нишон диҳед) *

Оё қаблан дар семинарҳо оид ба ҳуқуқи инсон ё дигар курсҳои омӯзишии иловагӣ дар соҳаи ҳуқуқ, лидерӣ ва адвокатсия иштирок кардаед? Агар ҳа, мавзӯи курс/семинар, сана, макон ва номи ташкилкунандаро нишон диҳед. *

Сатҳи дониши забони тоҷикӣ. *
Озодона (забони модарӣ)
Пешрафта
Миёна
Ибтидоӣ

Сатҳи дониши забони русӣ. *
Озодона (забони модарӣ)
Пешрафта
Миёна
Ибтидоӣ

Оё шумо дорои маъюбият ҳастед? Агар ҳа, лутфан нишон диҳед, ки ба шумо кадом шароитҳо заруранд? *

Лутфан номаи ҳавасмандии худро барои иштирок дар Барномаи феллоушип нависед, ки дар он таҷрибаи кории худ, сабабҳои хоҳиши иштирок дар барнома ва ҳадафҳои худро фаҳмонед. Илова бар ин, такя ба таҷрибаи корӣ дар соҳаи ҳуқуқ, мушкилоти мавҷударо дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон диҳед. Масалан: чи гуна камбудиҳо дар низоми ёрии ҳуқуқӣ дар кишвар мавҷуданд? Ё мушкилоти дастраси ба адолати судӣ барои занони деҳот дар чӣ зоҳир мешавад? (на камтар аз 300 калима). *

Ҳуҷҷатҳои зеринро замима кунед:
- Нусхаи диплом*
- Нусхаи шиноснома*
- Номаи ҳавасмандӣ*

Ман ба коркарди маълумоти шахсии худ бо мақсади иштирок дар барномаи Феллоушип розӣ ҳастам. *

Ҳа
Не